Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш.Шоҳтемур

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарипов Иломжон Орифович дар мавзӯи «Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)», аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ).**

Ислоҳоти аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳо оид ба заминро ба мавқеи аввалиндараҷа бароварда бо раванди таъмини самаранокии иқтисодии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ зич алоқаманд мебошад. Аз ин рӯ омӯзиши ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва асоснок намудани роҳҳои асосии баланд бардоштани иқтидори истифодаи самараноки захираҳои замин ва об муҳиммияти хоса дорад.

Аз автореферат бар меояд,ки дар диссертатсия муайянкунии омилҳои афзоиши самаранокии истифодаи захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон, боҳогузории самаронокии истифодабарии замин аз рӯйи зироатҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои алоҳидаи кишоварзӣ, муайян кардани роҳҳои баландбардории захираҳои замин ва об дар соҳаи кишоварзӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Яке аз бартариҳои асосии кори илмии муаллиф дар он зоҳир мегардад,ки самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи замин ва об асоснок намуда тавсияҳои мушаххас оиди такмили механизмҳои иқтисодии танзими давлатии муносибатҳои истифодаи замин ва обро дар шароити минтақаҳои камзамин пешниҳод намудааст.

Аҳамияти илмиию амалии диссертатсия инчунин дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф тавонистааст дар асоси таҳлили ислоҳоти замин ва заминистифодабарӣ дар аввал тағйирдиҳии низоми мавҷудаи муносибатҳои давлатии замин дар самти рушди шаклҳои гуногуни моликият ба замин: инфиродӣ, давлатӣ, коллективию ҳиссавиро пешбинӣ намуда асоснок кардааст. Инчунин муаллиф аниқ намудааст, ки муносибатҳои нави дар ин асос бавуҷудомада ба замин, ки аз ҷиҳати ташкилию ҳуқуқӣ нисбатан самаранок амал мекунанд, бояд нисбат ба низоми давлатии заминистифодабарӣ равишҳои сарфакоронаи истифодаи замин, баландбардории ҳосилхезиро таъмин мекарданд, дар ниҳоят, ба инкишофи самаранокии истеҳсолоти аграрӣ мусоидат менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки бо баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, чуноне,ки аз автореферат бар меояд, дар кор ақидаҳои баҳсталаб ва инчунин норасоиҳо ба назар мерасанд,ки баъзеи онҳоро бояд қайд намуд.

1.Дар автореферат асоснокии равишҳои методологии самаранокии иқтисодии истифодаи захираҳои замину об нишон дода нашудааст.

2.Ба андешаи мо, хубтару беҳтар мебуд,агар ки дар автореферат самтҳои инноватсионии баланд бардоштани самаранокии истифодабарии замин ва об дар кишоварзӣ оварда мешуд.

3.Дар автореферат баъзе ибораҳои истифодашуда ва ҷумлаҳои таҳрирталаб ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, чунин меҳисобем, ки (дар асаси шиносоӣ бо автореферат) кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзӯи «Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)» аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ(дотсент,профессор),ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016,№505 тасдиқ шудааст,ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин арзанда мешуморем, ки ба муаллифи он Шарипов Иломжон Орифович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) дода шавад.

Тақриздиҳанда:
Профессори кафедраи назарияи иқтисод
ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон,д.и.и., профессор,
академики Академияи байналхалқии илмҳои
мактабҳои олӣ — Комилов С.Ҷ.

Имзои Комилов С.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон — Давлатов Х.Х.

Суроға: ш.Душанбе, к.М.Турсунзода,30.
Тел:992)37 221-35-50
Htt://www.rtsu.tj/ ru/